# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



## Шоҳ Довуд
## (қисми 1)


Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society



Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org



©2025 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.




Довуди ҷавон дар гурез буд. Зеро шоҳ Шоул вайро куштан мехост. Довуд дар биёбон, дар ғори бузурге ҳамроҳи чорсад нафар пайравонаш зиндагӣ мекард. Баъзе вақт ҷанговарони шоҳ Шоул қариб вайро меёфтанд. Аммо Довуд ҳаракат карданро давом медод.



Хизматгори Шоул, ки Дӯағ ном дошт, ба шоҳ гуфт, ки коҳинон барои гурехтан ба Довуд ёрӣ додаанд. Шоул фармон дод, ки коҳинонро кушанд. Аммо танҳо Дӯағ ин корро кардан мехост. Вай ҳаштоду панҷ коҳинро бо оилаҳояшон бераҳмона ба қатл расонд. Ин хеле бад буд.



3

Рӯзе Шоул Довудро дунболагирӣ карда, рост ба ғоре ки Довуду ҳамроҳонаш дар он ҷо руст мешуданд, даромада рафт. Шоул танҳо буд.



4

Дар ғор Довуд метавонист, ки Шоулро ба осонӣ кушад. Вале ӯ хазида наздик шуд ва бо корди тезе пораи ҷомаи кушоди Шоулро бурида гирифт.





Баъди рафтани Шоул, Довуд вайро фарёд карда гуфт: "Аз он ки ман лаби ҷомаатро буридам ва туро накуштам, бидон ва бубин, ки аз тарафи ман на бадие ҳасту на шӯрише".

5

Шоул гуфт, ки аз он ки Довудро озор доданӣ шуд, пушаймон шудааст. Аммо базудӣ ғазаби кӯҳнаи Шоул баргашт ва ӯ барои куштани Довуд лашкари сеҳазорнафара ҷамъ кард. Шабе вақте ки лашкар хоб буд, Довуд ва Абишой, яке аз ҷанговарони ӯ ба ба қароргоҳи шоҳ, ки Шоул дар он ҷо хоб буд, рафтанд.



6



Абишой гуфт: "Имрӯз Худо душманатро ба дастат супоридааст. Мон, ки ҳозир бо зарбаи найза вайро рост ба замин мехкӯб кунам. Баъд дуюмбора намезанам".

7



Аммо Довуд рад кард. Ӯ найза ва кӯзаи Шоулро гирифта, қароргоҳро тарк кард. Баъд аз теппаи он тарафи раҳ дод зад, то Шоул садояшро шунавад. Шоул бори дигар дид, ки Довуд метавонист вайро кушад, вале ин корро накард. Бори дигар Шоул гуфт, ки аз он ки Довудро озор доданӣ шуд, пушаймон аст. Вале Довуд медонист, ки ба гапи Шоул бовар карда наметавонад.



8

Дар ин миён Самуил вафот кард.  Ӯ ҳамон пайғамбарест, ки Худо ба вай гуфта буд, ки аввал Шоул ва баъд Довудро ҳамчун шоҳи Исроил таъйин кунад.  Вақте ки фалиштиён ба Исроил ҳуҷум карданд, Шоул як кори бад кард, ки Худо онро манъ намудааст.



9

Ӯ ба зане фармон дод, ки Самуилро аз олами мурдагон ҷеғ занад.  Ҳамон шаб Шоул паёме гирифт.



10

″...Худованд аз ту дур шуда, душманат шудааст..., Ӯ шоҳигариро аз дасти ту кашида гирифта, онро ба ёри ту, яъне ба Довуд додааст.  Пагоҳ туву писаронат ҳамроҳи ман хоҳед буд. Худованд лашкари Исроилро ба дасти фалиштиён месупорад″.  Вақте ки Шоул инро шунид, аз тарс ба замин ғалтид.



11

Фалиштиён бар зидди Исроил ҷанг карданду исроилиён гурехтанд. Душманон писарони Шоулро, Юнотонро низ ки дӯсти хуби Довуд буд, куштанд.



12

Тирандозон Шоулро сахт захмин карданд.  Ӯ ба аслиҳабардори худ гуфт: ″Шамшератро бароварда, онро ба ман халон, то ин бадкорон омада маро кушта, шарманда насозанд″. Вале аслиҳабардор ин корро накард, зеро сахт тарсид.  Шоул шамшерро бароварда, худро ба болои он партофт.



13

Фалиштиён ҷасадҳои Шоулу писаронашро ёфта, онҳоро бар девори шаҳри исроилӣ, ки онро забт карда буданд, овехтанд. Баъзе исроилиёни далер ҷасадҳоро гирифта, ба хона оварданд.  Сипас пеш аз дафни устухонҳои онҳо дар Исроил, ҷасадҳоро сӯзонданд.



14



Ҳангоме ки Довуд ин хабари нохушро шунид, вай барои Шоулу писари ӯ, Юнотон ва барои халқи Худованд мотам гирифта гиря кард ва то бегоҳ рӯза гирифт. Зеро онҳо кушта шуда буданд.

15



Новобаста аз он ки Шоул Довудро куштан мехост, Довуд Шоулро то охир ҳамчун таъйиншудаи Худо эҳтиром мекард. Акнун Худо Довудро дар қасри Шоул подшоҳ гардонда, вайро қадр кард.

16

Шоҳ Довуд (қисми 1)

Ҳикоя аз Каломи Худо

1 Подшоҳон 24-31,
2 Подшоҳон 1-2

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

17

# Хотима

20 60

18

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16

19